№7229/13.3
29.11.12 сол

Мақомоти ҳудудии андоз

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати қабул намудани қарорҳои маҷлисҳои вакилони халқи шаҳрҳо (ноҳияҳо) доир ба муқаррар намудани андозҳои маҳаллӣ дар ҳудуди шаҳр (ноҳия), инчунин меъёрҳои андоз аз бизнеси бозӣ ва пардохтҳое, ки муқаррар намудани оҳо ба зиммаи маҷлисҳои вакилони халқии маҳаллӣ вогузор гардидааст, иттилоъ медиҳад.

**1. Доир ба андозҳои маҳаллӣ**

Мутобиқи қисми 1 моддаи 262 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав (аз 17.09.2012, №901) Маҷлисҳои вакилони халқи шаҳр (ноҳия) дар ҳудуди худ андозҳои маҳаллиро, ки дар моддаи 6 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, муқаррар менамоянд.

а) Ба андозҳои маҳаллие, ки бо Кодекси мазкур муқаррар шуда, бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо мавриди амал қарор дода мешаванд, инҳо дохил мешаванд (қисми 3 моддаи 6 Кодекси андоз):

- андоз аз воситаҳои нақлиёт;
- андозҳо аз молу мулки ғайриманқул.

Бинобар ин зарур аст, ки андозҳои маҳаллӣ аз 1 январи соли 2013 дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо аз тарафи маҷлисҳои вакилони халқии маҳаллӣ қабул карда шаванд.

Бо назардошти он, ки дар бобҳои 40-41 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи унсурҳои зарурии андозбандӣ (аз ҷумла андозсупоранда, объекти андозбандӣ, манбаи андоз, меъёри андоз, давраи андоз, тартиби ҳисоб кардани андоз, тартиб ва мӯҳлати пардохти андоз, имтиёзҳои андоз) муайян шудаанд, пешниҳод карда мешавад, ки андозҳои маҳаллӣ бо истинод ба онҳо қабул карда шаванд.

б) Маблағи андоз аз воситаҳои нақлиёт ва андози замин (яке аз қисмҳои андозҳо аз молу мулки ғайриманқул) тибқи тартиби амалкунанда ҳисоб ва пардохт карда мешавад.

в) Меъёри андоз аз объектҳои ғайриманқул вобаста ба масоҳати ишғолнамудаи объекти мазкур бо фоиз аз рӯи нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо коэффитсиенти танзимкунанда дар миқёси шаҳру ноҳияҳо муайян карда шудааст (мод.279 Кодекси андоз).

Мисол: Дар соли 2013 нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо андозаи 40 сомонӣ муқаррар шудааст. Дар шаҳри Душанбе барои объекти ғайриманқули бо масоҳати 200 $м^2$ ба сифати бинои истиқоматӣ истифодашаванда ҷойгир шудааст (**бе назардошти биноҳои ёрирасон**). Коэффитсиенти танзимкунанда барои шаҳри Душанбе 1,0 мебошад.

Тибқи моддаи 279 Кодекси андоз меъёри андоз барои биноҳои (ҳуҷраҳои) ба сифати биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ

истифодашавандаи то 90 метри мураббаъ - ба андозаи 3 фоиз ва барои зиёда аз 90 метри мураббаъ - ба андозаи 4 фоиз муқаррар шудааст.

Дар ин ҳолат маблағи андоз аз объекти ғайриманқул дар ш.Душанбе 284,0 сомониро ташкил медиҳад:

1,0 х ((40 сомонӣ х 0,03 х 90) + (40 сомонӣ х 0,04 х 110)) = 284,0 сомонӣ.

Барои чунин объекти ғайриманқул дар шаҳри Кӯлоб ҷойгиршуда (коэффитсиенти танзимкунанда 0,8) маблағи андоз 227,2 сомониро ташкил медиҳад:

0,8 х ((40 сомонӣ х 0,03 х 90) + (40 сомонӣ х 0,04 х 110)) = 227,2 сомонӣ.

Маблағи андоз барои чунин объект дар шаҳри Турсунзода 156,2 сомонӣ (коэффитсиенти танзимкунанда 0,55), барои ноҳияи Қумсангир 85,2 сомонӣ (коэффитсиенти танзимкунанда 0,3) ва барои ноҳияи Ашт 42,6 сомониро (коэффитсиенти танзимкунанда 0,15) ташкил медиҳад.

Барои биноҳои ёрирасони шахсони воқеӣ (гаражҳо, саройҳо ва ғайра, ба истисноӣ таҳхонаҳо ва болохонаҳо) манбаи андоз 50% масоҳати ишғолнамудаи онҳо гирифта мешавад (мод.277 Кодекси андоз).

г) Маблағи андоз аз бизнеси бозӣ барои давраи андоз новобаста ба андозаи даромади дар ҳаҷми устувор гирифташуда, бо карат нисбат ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо на камтар аз андозаи калонтарини пардохт барои патент барои ҳар воҳиди объекти андозбандӣ (ҳар барориши лотерея ба фурӯш) **дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ** аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо (ноҳияҳо) муқаррар карда мешавад.

Аз ин лиҳоз, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо (ноҳияҳо) вобаста ба ҳолати ба вуқӯъ пайваста метавонанд меъёри андоз аз бизнеси бозиро дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳо зиёд ё камтар (тибқи коэффитсиентҳои танзимкунанда) намоянд.

3. Мисол, дар шаҳри Душанбе меъёри андози аз бизнеси бозӣ барои як воҳиди объекти андозбандии бақайдгирифташуда **дар як моҳ** тибқи ҷадвали зерин муайян карда шавад :

| р/т | Объекти андозбандӣ барои бозиҳо | Меъёри андоз барои як воҳиди объекти андозбандӣ дар як моҳ |
|---|---|---|
| **1.** | Кассаи тотализатор | 900 |
| **2.** | Кассаи идораи букмекерӣ | 900 |
| **3.** | Автомати бози бе бурди пулӣ | 100 |
| **4.** | Роҳрави бозӣ (ҳангоми бозии боулинг(кегелбан)) | 400 |
| **5.** | Мизи билярд (ҳангоми бозии билярд) | 250 |
| **6.** | Ташкили лото (ҳангоми бозии лото) | 500 |
| **7.** | Ба фурӯш баровардани лоторея | 1% аз даромади умумӣ |

| | | |
|---|---|---|
| **8.** | Дигар объектҳои бизнеси бозӣ | Аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешавад |

Яъне, дар ҳудуди шаҳр ва ноҳияҳо метавонанд вобаста ба мавқеӣ ҷойгиршавии нуқтаи бизнеси бозӣ коэффитсиентҳои танзимкунандаро истифода баранд. Мисол: дар ноҳияи Ҳисор нуқтаи бизнеси бозӣ дар маркази шаҳр ҷойгир аст коэффитсиентҳои танзимкунандаи 1,0 гузошта шавад, яъне маблағи андоз бе тағйир гузошта мешавад ва агар ҳамин гуна нуқтаи бизнеси бозӣ дар деҳаи Нилуи ҷамоати деҳоти Хонақои кӯҳӣ ҷойгир шуда бошад коэффитсиентҳои танзимкунанда вобаста ба мавқеи ҷойгиршавии нуқтаи бизнеси бозӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҳисор кам карда шавад, мисол коэффитсиенти танзимкунандаи 0,6 - ро истифода баранд то ки андозбандии мавзеҳои дурдасте, ки аз марказҳои ноҳияҳо дуранд нисбат ба маркази ноҳияҳо ва шаҳрҳо фарқ кунад, яъне дар ин нуқтаҳои дурдаст аз марказ андоз камтар муайян карда шавад.

Оиди муайян намудани меъёри пардохтҳои ҳатмӣ дар марказҳои шаҳр, ноҳияҳо ва берун аз шаҳру ноҳияҳо ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳрҳо (ноҳияҳо) дастур дода мешавад, ки коэффитсиентҳои танзимкунандаро вобаста ба мавқеи ҷойгиршавии объекти андозбандӣ муайян кунанд. Мисол: дар ҳолати ҷойгиркунии объектҳои рекламавии одди (бе истифодаи технологияи муосир) барои 1 $м^2$ ба андозаи 15 сомонӣ муқаррар гардад ё барои ҷойгиркунии объектҳои рекламавӣ бо истифодаи **технологияи муосир** барои 1 $м^2$ ба андозаи 20 сомонӣ муқаррар гардидан вобаста ба мавқеи ҷойгиркунии рекламаҳо коэффисиентҳои танзимкунанда муайян карда шавад. Агар дар ҳудуди шаҳр коэффисиенти 1,2 муайян гардад, пас дар мавзеи берун аз шаҳр ва минтақаҳои ҳамсарҳад бо шаҳр коэффитсиенти танзимкунандаи нисбатан камтар вобаста ба мавқеӣ ҷойгиршавии объекти андозбандӣ қабул гардад.

Ҳамзамон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳо (ноҳияҳо) барои шахсони хориҷӣ ҳангоми истифодабарии объектҳои рекламавӣ маблағи пардохти андоз дар ҳаҷми 2 карата ё 1,5 каратаи объектҳои рекламавӣ барои шаҳрвандони ватанӣ бо истифодаи коэффитсиентҳои танзимкунанда муайян карда метавонанд.

Бинобар ин зарур аст, ки қарори дахлдор то санаи 01.01.2013 дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо аз ҷониби Маҷлисҳои вакилони халқ қабул карда шаванд.

Барои маълумот: *дар вақти қабул намудани қарорҳои маҷлисҳои вакилони халқи шаҳрҳо (ноҳияҳо) доир ба муқаррар намудани андозҳои маҳаллӣ дар ҳудуди шаҳр (ноҳия) диққат ба он дода шавад, ки ҳангоми қабули қарорҳо бизнеси бозиро бо бурди пулӣ қабул накунанд (моддаи 240 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).*